# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Раҳимзода Файзимо Гурез дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ  аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи  томактабӣ)

Мазмуну мундаричаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (аз рӯи самт ва соҳаи фаъолият), 13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, аз ҷумла ба банди 1 - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва банди 11 - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мутобиқ мебошад.

*Мубрам будани мавзуи диссертатсия* дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Раҳимзода Файзимо Гурез яке аз мавзуъҳои ҳалталабе мебошад, ки дар асоси сарчашмаҳои психологӣ-педагогӣ, дурнамои шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар  ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ошкор ва таҳлилу баррасӣ карда шудаанд. Ин шароитҳои педагогӣ на танҳо раванди таълимро ғанӣ мегардонанд, балки ба фароҳам овардани муҳити мусоид барои ҳалли мушкилоти мубрами масъалаи мавриди таҳқиқ мусоидат мекунанд.

Аз ин нуқтаи назар, унвонҷӯ мавзуи бисёр муҳимеро барои таҳқиқ интихоб кардааст. Ҳангоми иҷрои вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ дар амал собит гардид, ки дар соҳаи психология ва педагогика ҷузъҳои асосии ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ҷудо карда шудааст.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудаи унвонҷӯ дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дар назардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ–амалӣ пешниҳод шудааст.

Ҳамин тариқ, ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ вобаста ба шароитҳои ташкилӣ-педагогии бозиҳо имконият доданд, ки тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ, зуҳури қобилиятҳои эҷодӣ ва маҳорати дар танҳоӣ ба роҳ мондани фаъолият дуруст роҳандозӣ гардад. Бозӣ барои кӯдак фазои муҳаббат ва ҳамоҳангиро фароҳам меоранд, ки ба рушди пурраи ӯ мусоидат мекунанд. Дар ниҳоят, маҳз дар

ягонагии шароитҳои ташкилӣ-педагогии бозиҳо гарави рушди ҳамоҳанг ва ташаккули шахсият аст, ки дар он кӯдакистон на танҳо ҳамчун муассиса, балки ҳамчун маконе хизмат мекунад, ки неруи зеҳнии ҳар як кӯдакро мекушояд ва дар ин роҳи муҳим такягоҳи боэътимод мегардад.

Дар баробари ин, довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста ба мавзуи диссертасия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо то андозае комёб гаштааст.

- ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо ба таври назариявӣ ошкор карда шуд.

- имкониятҳо ва иқтидори эҷодии кӯдакони синни томактабӣ барои офаридани накш дар фаъолияти бозиҳо муайян ва асоснок карда шуданд.

- фаҳмиши педагогии имкониятҳо ва хусусиятҳои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо дар шароити муассисаи томактабӣ васеъ гардид.

*Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия* ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Раҳимзода Файзимо Гурез, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

*Навгонии илмии таҳқиқот.* Дар фаъолияти бозиҳо шароитҳои ташкилӣ-педагогии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар самти ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон ошкор карда шуд.

- моҳияти бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ илмӣ муайян карда шуд;

- илман собит гардид, ки роҳандозии мақсадноки ашё ва бозичаҳо дар раванди фаъолияти бозиҳо ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ мусоидат мекунанд;

- натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст омада фаҳмишҳои назариявии раванди ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабиро дар фаъолияти бозиҳо васеъ менамоянд;

- ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо дар асоси корҳои озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо илман исбот карда шуд.

Нуқтаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ба дастомадаро барои

баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва мухтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

1. Имрӯзу ояндаи ҷомеа ва устувории давлати тоҷикон аз солимии ақлӣ ва тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас вобастагии калон дорад. Маҳз, насли оянда посдор ва инкишофдиҳандаи мероси фарҳангӣ, анъанаҳои таърихию мардумӣ ва меъёрҳои ҳаётию ҷамъиятӣ мебошанд. Аз ин рӯ, ҷустан ва эҷод кардани он гояҳою арзишҳое, ки ангезаҳои насли наврасро ҷиҳати баланд намудани сатҳи дониш, малака, маҳорат ва маърифат бедор мекунанду ба ин раванд мусоидат мекунанд, ташаккул додан лозим аст.

Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки самтҳои инкишофи низоми соҳаи маорифро муайян мекунанд, пеша аз ҳама, мақсадҳои стратегии ин соҳаро барои ҳалли проблемаҳои ба миёномада ва ҷойошта ошкор месозанд. Рафъи бӯҳрони маънавӣ, чораҳои бетаъхир андешидани ин раванд ва аз нав дида баромадани вазифаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи таълиму тарбия ба шумор меравнд.

2. Самтҳои асосии рушди стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир ин ворид кардани навгониҳо ва роҳҳои инноватсионии фаъолият мебошанд, ки шарти асосии таъмини самаранокии кор ба шумор меравнд. Аз ин лиҳоз, ворид кардани роҳҳои инноватсионӣ, аз нав кардани принсипҳо ва истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар фаъолият авлавият дошта, талаботи замон низ чунин тартиби корро тақозо мекунад.

3. Дар шароити кунунӣ, раванди таълиму тарбия ба ташаккули шахсияти қавӣ ва рақобатпазир, ки барои ҳалли мустақилонаи вазифаҳои ҳаётан муҳим омодааст, нигаронида шудааст. Барои тарбия кардани шахсияти комил аз овони хурдсолӣ дар ниҳоди ӯ ташаккул додани сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ ба мақсад мувофиқ аст. Ташаккул додани сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар айёми хурдсолӣ бо роҳи бозиҳо ҳалли худро меёбанд. Бозӣ як намуди пешбари фаъолияти кӯдакони синни томактабӣ ба шумор рафта, инкишофи ҷисмонӣ, равонӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва таҳаммулпазирӣ сурат мегиранд.

2. Бозиҳо барои ташаккули ҳамаҷонибаи кӯдакони синни томактабӣ накши созгор ва муассир доранд. Бозиҳо чунин муҳитеро барои кӯдакон муҳайё месозанд, ки онҳо худро дар шароити бароҳатӣ, интихоби комили шарикон ва ашё эҳсос мекунанд. Дар бозӣ кӯдакон ҷаҳонро бо ҳама рангрангиаш меомӯзанд. Ҳангоми бозӣ кӯдакон муносибатҳои худро дар баробари амали дигарон муайян мекунанд ва ҳиссиёти ботинии худро баён месозанд. Дар раванди бозӣ кӯдакон лаззати маънавӣ, ҳиссӣ ва эмотсионалӣ бурда, одатҳо, рафтор ва амалҳои худро ташаккул медиҳанд.

Бозӣ шароитеро барои кӯдакони синни томактабӣ муҳайё месозад, ки инкишофи ақлӣ, зеҳнӣ ва маърифатӣ дар онҳо сурат гирифта, тафаккури чандирӣ ва аз ҳолатҳои ногувор ба осонӣ баромаданро парвариш медиҳад. Маҳз, дар бозиҳо кӯдакон қобилиятҳои эҷоди тасвирҳо ва падидаҳои маъмулиро инкишоф медиҳанд, ки онҳоро минбаъд дар амал татбиқ менамоянд.

3. Бозиҳо барои кӯдакони синни томактабӣ фаъолияти писандида буда, қобилиятҳои эҷодӣ ва тафаккури образии онҳоро рушд мебахшанд. Моҳияти бозиҳо дар ташаккули шахсияти кӯдакон дар чунин ҷанбаҳо зоҳир мегарданд:

- бозиҳо иқтидори бузурги тарбиявӣ дошта, ба рушди тамоми равандҳои маърифатӣ: тафаккур, хотира, диққат ва тасаввурот таъсир мерасонанд;

- бозиҳо ҳиссиёти кӯдаконро инкишоф дода, амалҳои ӯро ба танзим медарорад;

- бозиҳо ба кӯдакон лаззат ва вақтхушӣ бахшида, меъёрҳои рафтору гуфтор ва амалу ахлоқе, ки барои ҷомеа зарурӣ арзёбӣ мегарданд, ташаккул медиҳанд;

- бозиҳо шароит фароҳам меоранд, то кӯдакон таҷрибаҳои иҷтимоиро омӯзанд ва дар ин замина, бо ҳамсолон фаъолона муошират кунанд;

- маҳз дар бозиҳо иродаи кӯдакон инкишоф ёфта, барои бартараф кардани душвориҳо заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад;

- дар фаъолияти бозиҳо ҷанбаҳои ақлии кӯдакон ташаккул ёфта, дарки дигарон ва ба эътибор гирифтани фикру ақидаи ҳамсолон сурат мегирад.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:*

- методҳои босамари педагогии ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти бозиҳо коркард гардид;

- роҳҳо ва усулҳои методикаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон ҳангоми фаъолияти бозиҳо дар таҷриба дохил карда шуд;

- шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ ва методҳои таъсиррасонӣ ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти бозиҳо коркард гардид;

- аз натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд педагогхо ва мураббиёни муассисаҳои таълимии томактабӣ дар фаъолияти худ баҳри беҳтару хубтар ба роҳ мондани машғулиятҳои бозиҳо барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон истифода намоянд.

- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд манбаи боэътимод баҳри баланд бардоштани савияи касбии кормандони муассисаҳои томактабӣ, такмили

ихтисоси кадрҳои педагогӣ ва он шахсоне, ки ба корҳои илмӣ машғул мебошанд, гарданд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқотро дар муҳити кӯдакистон ва оила бо истифода аз технологияи педагогии тавсифшуда амалӣ кардан мумкин аст.

Яке аз самтҳои хуби таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки муаллифи рисола корҳои илмии муаллифони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда, маводи таърихӣ ва асарҳои педагогҳои ватанӣ, таҷрибаи ҷамъбастшудаи пешқадами педагогӣ ва таҷрибаи бисёрсолаи шахсиро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ворид намудааст.

Бояд зикр кард, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ то ба имрӯз ба қадри кофӣ аз ҷониби олимони соҳаи педагогикаи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, вобаста ба ин муҳаққиқ дар ин ҷода кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммалро ба анҷом расонидааст. Маҳсули рисолаи мазкурро баҳри омодасозии босамари кормандони муассисаҳои томактабӣ, оилаҳо, донишҷӯён, шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони муассисаҳои томактабӣ, баланд бардоштани маърифати тарбиявии волидон вобаста ба шаҳр ва минтақаҳои ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Саҳеҳият ва асоснокии илмии хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тавассути далелҳои методологии амалияи муқаррарот; мантиқи илмии асоснокшудаи таҳқиқи масъала; истифодаи васеи сарчашмаҳои илмии муътамад, интихоби методхое, ки ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқанд, давомнокии корҳои озмоишӣ, таҳлили омории маълумоте, ки дар натиҷаи ҷавобҳои иштирокчиёни таҳқиқот ба даст омадаанд, таъмин карда шудаанд.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар маҷаллаҳои илмӣ, ки 4 номгӯи онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расида, инъикоси худро ёфтаанд.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:* Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- методҳои босамари педагогии ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти бозиҳо коркард гардид;
- роҳҳо ва усулҳои методикаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон ҳангоми фаъолияти бозиҳо дар таҷриба дохил карда шуд;

- шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ ва методҳои таъсиррасонӣ ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ҳангоми фаъолияти бозиҳо коркард гардид;

- аз натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд педагогҳо ва мураббиёни муассисаҳои таълимии томактабӣ дар фаъолияти худ баҳри беҳтару хубтар ба роҳ мондани машғулиятҳо ва бозиҳоро барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон истифода намоянд.

- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд манбаи боэътимод баҳри баланд бардоштани савияи касбии кормандони муассисаҳои томактабӣ, такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ ва он шахсоне, ки ба корҳои илмӣ машғул мебошанд, гарданд.

*Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:* Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва пайнавишт иборат буда, дар 189 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ гардидааст. Руйхати адабиёти истифодашуда 179 номгӯйро ташкил медиҳад.

*Дар муқаддимаи* диссертатсия мубрамияти мавзуи матраҳшаванда, сатҳи коркарди масъалаҳо ва проблемаҳо, мақсад, вазифа ва фарзияи диссертатсия, марҳалаҳои кори таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, асоси методологӣ, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳод гардида нишон дода шудаанд.

Дар боби якум *«Асосҳои назарӣ ва методологии шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ»* ва проблемаҳои ҷойдошта дар ин самт баён шуда, масъалаҳои фаҳмиш ва таснифи бозиҳои кӯдакони синни томактабӣ, моҳият ва хусусияти бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ, нақши бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ баррасӣ гардидаанд.

Дар давраи кӯдакӣ низоми муносибатҳои байни кӯдак бо калонсолон ва ҳамсолон васеъ мешаванд ва ташаккул меёбанд. Амалҳо мураккабтар гардида, фаъолияти муштарак бо ҳамсолон ба вуҷуд меоянд. Кӯдаки синни томактабӣ олами атрофро дарк карда, муносибатҳоро дар асоси меъёрҳои рафтор ба роҳ мемонад.

Дар синни томактабӣ кӯдакон ба намудҳои гуногуни фаъолият дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба мисли, бозиҳо, машғулиятҳои тасвирӣ, меҳнатӣ ва таълимӣ шинос гардида, ҷиҳати маърифат кардани ҷаҳони атроф аз онҳо истифода мебаранд. Кӯдакон тадриҷан ҳама намуди фаъолиятҳоро аз худ карда, онҳо бо мурури синну сол мураккабтар шуда, гуногунранг мегарданд ва дар оянда воситаи азхудкунии олами атроф мебошанд.

Дар боби дуюми диссертатсия *«Усул, шакл ва воситаҳои муайян кардани ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо»* методҳо ва роҳҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо нишон дода шуда, рушди самарабахши ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар асоси шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо, бозӣ ҳамчун воситаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ, натиҷаҳои корҳои озмоишӣ барои муайян кардани ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо нишон дода шудааст.

Дар ин боб асосноккунии шароитҳои педагогӣ пешниҳод шудааст, ки ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ мусоидат мекунад. Ин шароитҳо барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ асос мебошанд, ки дар навбати худ ба рушди кӯдакон ва малакаҳои иҷтимоии онҳо таъсири мусбат мерасонанд. Механизимҳои зарурӣ барои ташкили бозиҳо самаранок ба таври возеҳ ҷудо карда мешаванд, ки таҳқиқотро барои соҳаи педагогика ва рушди кӯдакон саҳми назаррас мегузорад.

Муаллифи рисола қайд кардааст, ки барои ба амал баровардани тамоми имкониятҳои психологию педагогии бозӣ мавқеи педагог ва нақши ӯ дар инкишоф, таълим ва тарбияи кӯдакон аҳамияти калон дорад. Дар баробари ин, педагог бояд дараҷаи инкишофи бозӣ, сатҳи рушди зеҳнӣ, қобилиятҳои инфиродӣ, симои иҷтимоӣ ва гендерии кӯдаконро ба эътибор гирад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Унвонҷӯ дар таҳқиқи рисолаи илмӣ воқеан ҳам заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассиси донандаи соҳа худ муаррифӣ карда

тавонистааст. Автореферат низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон диссертатсияи Раҳимзода Файзимо Гурезро кори илмии ба анҷомрасида ва арзиши илмии назариявӣ ва амалидошта ҳисобид.

*Эрод ба таҳқиқотидиссертатсионӣ:*

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ орӣ нест, ки бартараф кардани он ба манфиати кори илмӣ аст, аз он ҷумла:

1. Агар муҳаққиқ «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025»-ро дар рисолаи илмӣ васеътар мавриди таҳлил қарор дода, ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабиро тибқи талаботи барномаи мазкур мукаммалтар амалӣ мекард, ба мақсади гузоштааш бештар ноил мегардид.

2. Азбаски довталаб солиёни зиёд дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ кору фаъолият кардааст бисёр хуб мешуд, ки намунае чанд аз таҷрибаи касбии худ ё ҳамкоронро дар диссертатсия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медод.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва грамматикиро дидан мумкин аст, ки ислоҳи онҳо сифати кори илмиро баланд менамояд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба арзиши илмиву амалии диссертатсия таъсири кам доранд.

## ХУЛОСА

1. Диссертатсияи Раҳимзода Файзимо Гурез кори ба анҷомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи Раҳимзода Файзимо Гурез дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва
муносибатҳои оилавии факултети психологияи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Обидова М.И.

03.04.2025

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел: +992 777 07 01 82; E-mail:munira64_64@mail.ru.

Имзои Обидова М.И.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.